## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА–026-и назди МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия **Азизов Абдулатиф Абдухалимович**–доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он; аъзоён **М.А. Абдуллоева**–доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **Г.Б. Мухаметов**–доктори илмҳои педагогӣ, профессор оид ба қабул намудани диссертатсияи **Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна** дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиклолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад.

Муҳтавои тарбияи ватанпарастӣ ҳамчун унсури таркибии тарбияи миллӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», “Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, аҳамияти татбиқи он дар ташаккули тафаккури ватанпарастии шаҳрвандон, садоқат ба Ватан, ифтихори миллӣ, эҳтиром ба муқаддасот, рамз ва ёдгориҳои табииву

таърихии кишвар, тайёр будан барои адои қарзи шаҳрвандӣ, ҳифзи табиати диёр, марзу буми кишвар ва уҳдадориҳои конститутсиониро инъикос менамояд. Дар ин ҳуҷҷатҳои муҳим таъкид меравад, ки ҷамъият ҳамон вақт қодир аст вазифаҳои фарохи миллиро ҳаллу фасл намояд, агар системаи умумии арзишҳои ба эҳтироми гузаштагон, маданияту фарҳанг, саҳифаҳои таърих, табиати кишвар ва неъматҳои он нигаронидашуда бартарӣ дошта бошад.

Муассисаҳои давлатӣ барои тарбияи шаҳрвандон шароити зарурии тарбия ва таълимро таъсис дода, заминаҳои устуворро муҳайё месозанд. Системаи таҳсилот тарбияи ватандӯстону ватанпарварони кишвар, шаҳрвандони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дуниявию иҷтимоӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои шахсро пеш мегузорад, аз шумори вазифаҳои асосӣ меҳисобад. Дар воқеъ, ба масоили таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонон, раҳнамунсозии хонандагону донишҷӯён ба ватандӯстиву ватандорӣ ҳамчун арзиши миллӣ диққати махсус равона бояд кард.

Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим маҳсуб ёфта, фаъолияти амалии аслӣ, воқеӣ, коммуникативӣ ва маърифатӣ мебошад. Таҷрибаомӯзии таълимии дарсҳои назариявии аудиториро пурра мегардонад. Дар мавзеи табиӣ ва объекти иқтисодӣ фазои таълимӣ ташаккул ёфта, муҳассиллинро ба мустақилият, донишандӯзии ҷолибу шавқовар ва фаъолияти эҷодӣ раҳнамун месозад.

Табиат дар канори муҳити таълимӣ воситаи самараноки таълим ва тарбия маҳсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро дорост. Имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ шароит фароҳам меоваранд, ки раванди таҷрибаомӯзӣ дар фазои табиии таълимӣ, ки муҳассиллинро ба муносибати арзишнок нисбат ба табиати кишвар талқин диҳад. Раванди таълим зимни таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ нисбатан озод буда, донишандузӣ тавассути такя ба манбаъҳои табиӣ сурат мегирад ва муҳассиллинро ба хулосабарории мустақилона водор месозад. Иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ

воситаи самараноки ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён аз ҳисоби мубрамгардонии захира ва имкониятҳои он маҳсуб меёбад.

Дар педагогика истифодаи таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ баҳри васеъ намудани ҷаҳонбинии шахсият, ташаккули муносибати муҳассилин нисбат ба арзишҳои табиӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ гузашта ва имрӯзи табиати кишварро кушода медиҳанд, арзишҳои табиӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, чун Замин–хонаи мо, олами атроф, фаъолияти инсон (антропогенӣ), муносибати шахсият ба табиат ва меъёрҳои он, Ватани маҳбуб қабул ва тасдиқ менамоянд.

Мубрамӣ, аҳамияти назариявӣ, коркарди нокифояи илмӣ ва амалии муаммои мазкур барои интихоби мавзӯи таҳқиқшаванда асос гардид ва дар заминаи назария ва корҳои амалии гузаронидашуда рисолаи диссертатсионӣ «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» унвон гирифт.

Дар ин замина метавон хулоса намуд, ки аҳамияти назариявӣ, коркарди нокифояи илмӣ ва амалии муаммоҳои ҷойдоштаи масъалаи мавриди таҳқиқ барои интихоби мавзӯи мазкур асос гардида, доираи масъалаҳои зикргардида мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна собит месозанд.

1. Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи банди 53 -и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи умумии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (№5.аз 26.12.2022) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар “Хулосаи МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муайян намудани

имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ҳамчун воситаи самараноки ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯёнро фаро мегирад.

3. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбия, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №21 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 25 номгӯй интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф, аниқтараш 5 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мавзуна Ҳайдарова истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

7. Рисола ба талаботи банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

8. Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ", дар доираи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқанд.

9. Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ"-ро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд, ки диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълий" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" барои ҳимоя қабул карда шавад.

Инчунин бо назардошти талаботи бандҳои 67, 69 ва 74-75 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

**1. Давлатзода Ҷамила**–доктори илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор, муқарризи расмии аввал;

**2. Ахророва Гулчехра Усмоновна**–номзади илмҳои филогогӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муқарризи расмии дуюм;

**3.** Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда–**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** тавсия карда мешавад.

**4.** Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**5.** Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

**А.А.Азизов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: ш.Хуҷанд, 735700, кӯчаи Шуро 46; Тел.: (992) 92-747-41-15; email: azizovsher@bk.ru*

**Аъзоёни комиссия:**

**М.А.Абдуллоева** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 31, хонаи 31, ҳуҷраи 10; Тел.: (992) 92-777-75-38; email: mehriniso25@mail.ru.*

**Г.Б.Мухаметов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ
*Суроға: ш. Душанбе, кучаи Мухаммадиев 6, ҳуҷраи 15; Тел.: (992) 90-442-41-16; email: gmuhametov @ yandex.ru*

**Имзои раис ва аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ мекунам.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
*Тел.: 93-766-36-00*
*email: knasim@mail.ru.*

**Н.А.Ҳамробоев**
*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 12, хонаи 13, ҳуҷраи 11.*
*Тел.: 93-766-36-00*
*email: knasim@mail.ru.*

15-уми апрели, соли 2023